*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*

# Фановар

FANOVAR

НАШРИ МАХСУС

**Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

20 январи соли 2026

№ 1-2 (243-244)




# ДАЪВАТ БА ДОВТАЛАБОН: БА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН БИЁЕД!

**Довталабони гиромӣ! Рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа аз омода намудани мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ вобастагии зич дорад.**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз ҷумлаи беҳтарин донишгоҳҳои кишвар ба ҳисоб рафта, 35-солагии таъсисёбиашро 1-уми ноябри соли 2025 бошукӯҳ таҷлил намуд. Фаъолияти 35-солаи ДТТ собит намуд, ки иқдоми наҷиб ва дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тайёр намудани мутахассисони касбии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар рушди ҷумҳурӣ аҳаммияти бузург дорад.

Донишгоҳ яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии бонуфузи ҷумҳурӣ буда, ҳамчун ҳамқадами Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳри амалигардонии дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус, дар омода намудани мутахассисони соҳаҳои саноати сабуку хӯроквورӣ ва иттилоотию зеҳни сунъӣ нақши калидӣ дорад.

Роҳбарияти донишгоҳ бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани сифати таълиму тарбия, омода намудани мутахассисони баландихтисос ва афзун гардонидани дастовардҳо шаклу усулҳои замонавии таълим ва таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилотии ҷаҳонро омӯхта, барои ба фазои ягонаи таҳсилотии минтақа ва ҷаҳон ворид гардидан ва ба талаботи бозори минтақавию ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир шудани дипломи донишгоҳ талош менамояд.

Натиҷаи заҳматҳои раёсати донишгоҳ ва ҷидду ҷаҳди ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон буд, ки иқтидори илмии донишгоҳ аз 38% ба 64,5% боло бардошта шуд. Дар як муҳлати кӯтоҳ зиёда аз 30 нафар корманд рисолаҳои номзадӣ ҳимоя карданд.

Донишгоҳ дар давоми 35 соли мавҷудияташ барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 20400 нафар мутахассиси рақобатпазирро тайёр намудааст, ки 705 нафарашон донишгоҳро бо дипломи аъло хатм карда, дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти ҷумҳурӣ фаъолият карда истодаанд.

Устодони донишгоҳ аз он ифтихор мекунанд, ки аз байни дастпарварони донишгоҳ вазирони вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони мақомоти давлатӣ, даҳҳо номзаду доктори илм ба камол расиданд. Хатмкардагони донишгоҳ дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Россия, Қазоқистон, Англия, ИМА, Олмон, Канада таҳсилро идома дода, соҳиби дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм гардида, фаъолияти пажӯҳишии худро идома дода истодаанд.

Донишгоҳ барои дар сатҳи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисон дорои потенсиали баланди илмӣ-омӯзгорӣ ва заминаи мустаҳками моддию техникӣ мебошад. Зиёда аз 90 синфхона бо тахтаҳои электронӣ ва асбобҳои мултимедиявӣ ҷиҳозонида шуда, дар ҷараёни таълим ва корҳои илмию таҳқиқотӣ беш аз 1000 компютер, 22 синфхонаи компютерӣ, зиёда аз 33 озмоишгоҳи тахассусӣ мавриди истифода қарор доранд.

Мавҷудияти озмоишгоҳҳои тахассусии таълимӣ, ҳамкории васеъ бо корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳанд, ки донишҷӯён баъди хатми донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат тайёр бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд. Донишҷӯён дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои тахассусӣ ҷалб карда мешаванд.



Донишҷӯён дар марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн иштирок намуда маҳорати касбии худро метавонанд сайқал диҳанд ва нозукиҳои дӯхтани сару либос, зардӯзӣ, расмкашию нақшбандӣ дар армуғонҳоро аз худ намоянд. Инчунин, дар донишгоҳ аз рӯйи 36 ихтисос курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ-сертификатсионӣ амал менамоянд.

Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ васеъ буда, бо 140 таълимгоҳи олии хориҷи кишвар ҳамкорӣ дорад. Мутахассисон аз хориҷи кишвар даъват карда шуда аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷӯён дарс медиҳанд. Дар назди донишгоҳ фаъолият намудани Маркази муштараки Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён забонҳои муосири барномасозиро аз худ намуда, тарзи барномарезии кори роботҳо ва савораҳои беодамро аз худ намоянд. Дар маркази мазкур ба донишҷӯён се нафар омӯзгорони варзидаи Кореяи Ҷанубӣ дарс медиҳанд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси ҳамкориҳо бо таълимгоҳҳои олии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Беларус созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид, ки дар заминаи он факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар асоси низомномаи факултет дар назар дошта шудааст, ки донишҷӯён ду соли аввал дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил намуда, имконияти давом додани таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларусро доранд.

Донишгоҳ аз рӯйи 58 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯйи 38 ихтисос дар зинаи магистратура ва аз рӯйи 18 самти илмӣ докторантура аз рӯи ихтисос PhD мутахассис тайёр мекунад.

Дар донишгоҳ ихтисосҳои нав-зеҳни сунъӣ ва иқтисодиёти рақамӣ таъсис дода шудааст, ки мутахассисонро мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ бо ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ омода менамояд.

Соли 2022 дар донишгоҳ Маркази забономӯзии Донишкадаи шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея бо синфхонаи муосири лингофонӣ кори худро ифтитоҳ бахшид, ки дар он курсҳои забономӯзии куриёгӣ бо ҷалби омӯзгорон аз Кореяи Ҷанубӣ гузаронида мешаванд.

Дар донишгоҳ ҳамасола озмунҳои “Ихтироъкори ҷавон” ва “Беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯӣ” гузаронида шуда, ғолибон бо мукофотҳои пулӣ ва тухфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда мешаванд.

Дар назди кафедраҳои тахассусӣ 20 маҳфили илмӣ-инноватсионӣ фаъолият намуда, барои баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Довталабони гиромӣ! Агар Шумо мутахассиси баландихтисоси воқеан ҳам дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷи мамлакат рақобатпазир шудан хоҳед, ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намоед.

**Рамзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами 107 мебошад.**

**Раҳмонзода Зоир Файзалӣ,**
**ректори донишгоҳ**

# НОМГӮИ ИХТИСОСҲО ВА НАРХИ ТАҲСИЛИ ЯК ДОНИШҶӮ БАРОИ ШУЪБАҲОИ РӮЗОНА ВА ФОСИЛАВӢ – ҒОИБОНА БАРОИ ҚАБУЛИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2026-2027

| № | Ихтисосҳо ва тахассусҳо | Шакли таҳсил | Мабл. таҳсил, | сомонӣ | Рақами кластер |
|---|---|---|---|---|---|
| | **ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ – ТЕХНОЛОГӢ** | | | | |
| 1 | 154010105 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) | Рӯзона<br>Фосилавӣ - ғоибона | 5100<br>3850 | 1<br>1 |
| 2 | 1360901 | Мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 3 | 1-490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ:<br>1-49 01 01 02 –технологияи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ ва консентратҳои ғизоӣ,<br>1-49 01 01 03 –технологияи консервкунонӣ,<br>1-49 01 01 04 –технологияи истеҳсоли маҳсулоти туршшаванда ва шароббарорӣ,<br>1 -49 01 01 06 –технологияи равғани растанӣ,<br>1-49 01 01 08 –технологияи ғизои функсионалӣ ва кӯдакона. | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 4910<br>3850 | 1 |
| 4 | 1-49010201 | Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 5 | 1-49010202 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 6 | 1-910101 | Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 7 | 1-540103-02 | Сертификатсияи молҳои хӯрокворӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 1 |
| № | **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН** | | | | |
| 1 | 1-1901010202 | Дизайни дохили бино (интерер) | Рӯзона | 5800 | 3 |
| 2 | 1-19010105 | Дизайн (сару либос ва газвор) | Рӯзона | 5800 | 3 |
| 3 | 1-50010107 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 4 | 1-50 01 01 08 | Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти наххои табиӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 4910<br>3850 | 1 |
| 5 | 1-500102 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 4910<br>3850 | 1 |
| 6 | 154010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | Рӯзона | 5100 | 1 |
| 7 | 1-190101-0501 | Дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 3 |
| 8 | 1-500301-02 | Технологияи трикотаж | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 9 | 1-500301-02 | Технологияи маводи нассоҷӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 10 | 1-480102-09 | Технологияи ороиш ва рангубори масолеҳи нассоҷӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 11 | 1-500201 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулот аз чарм | Рӯзона | 5100 | 1 |
| 12 | 1-50010101 | Ресидани нахи табиӣ | Рӯзона | 5100 | 1 |
| № | **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИНТЕЛЛЕКТИ СУНЪӢ** | | | | |
| 1 | 1-40010101 | Системаҳои компютерӣ ва интернет-технологияҳо | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 1 |
| 2 | 1-40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 3 | 1-40010103 | Системаҳои компютерии бонкӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 4 | 1-40 01 01 04 | Системаҳои таъмини бехатарии маълумот | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 5 | 1-40 01 01 08 | Муҳандисии барномавӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 6 | 1-310306-0202 | Моделиронии иқтисодӣ-математикӣ, таҳлил ва ояндабинӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 7 | 1-400102-05 | Низом ва технологияи иттилоотӣ (фаъолияти идоракунӣ) | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 8 | 1-950202 | Истифодабарии дастгоҳҳои парвозкунандаи беҳавонавард | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 9 | 1-550101-01 | Дастгоҳҳои зеҳнӣ, мошинҳо ва истеҳсолот | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 10 | 1-530106 | Роботҳои саноатӣ ва комплексҳои робототехникӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 11 | 1-25010204 | Иқтисодиёти рақамӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| № | **ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ** | | | | |
| 1 | 1-0801010701 | Таълимоти касбӣ (информатика) | Рӯзона | 5100 | 1 |
| 2 | 1- 08010110(01) | Таълимоти касбӣ (дизайн) | Рӯзона | 4910 | 3 |
| 3 | 1-450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 4 | 1-43010601 | Технологияи энергияи самарабахш дар энергетика | Рӯзона | 5100 | 1 |
| 5 | 1-430105-05 | Манбаъҳои ғайрианъанавӣ ва барқароршавандаи энергия | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 1 |
| 6 | 1-310402-15 | Низомҳои телекоммуникатсионӣ ва иттилоотӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| № | **ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА МОЛИЯ** | | | | |
| 1 | 1-25010201 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 2 | 1-25011024 | Таъмини иттилоотии бизнес | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 3 | 1-250104 | Молия ва қарз | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 4 | 1-25010805 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 5 | 1-250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 6 | 1-25010107 | Идораи лоиҳаҳо | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 7 | 1-240101-16 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати сабук) | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 8 | 1-250111-01 | Аудит ва ревизия дар саноат | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 9 | 1-250102-02 | Иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 10 | 1-250101-04 | Иқтисодиёти инкишофи илмию технологӣ | Рӯзона | 5800 | 2 |
| № | **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | | | | |
| 1 | 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5830<br>4510 | 2 |
| 2 | 1-26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 3 | 1-25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 4 | 1-26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 5 | 1-260203-07 | Маркетинги корхонаҳои саноатӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ-ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| № | **ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПОЛОТСКИ ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС ВА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН** | | | | |
| 1 | 1-360701 | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти химиявӣ ва корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ | Рӯзона | 5830 | 1 |
| 2 | 1-700501 | Банақшагирӣ, барпо кардан ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафт | Рӯзона | 5830 | 1 |

**ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!**

Хоҳишмандем ҳангоми интихоби ихтисосҳо ба таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.

Суроғаи мо:
ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3
Тел. (+992 37) 234-79-88 / 234-79-90
Суроғаи электронӣ: rectorat-tut@mail.ru
Саҳифаи Интернет: http//www.tut.tj

# НАҚШАИ ҚАБУЛ БА ЗИНАИ ДОКТОРАНТУРА (PHD) АЗ РӮЙИ ИХТИСОСҲОИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2026-2027 ТИБҚИ ИҶОЗАТНОМА АЗ 13.05.2024 (№2310), Т-ИФ №0005159

| № | РАМЗИ ИХТИСОС | ИИХТИСОС | Нақшаи қабул | Шуъбаи рӯзона | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Буҷетӣ | | | | Шартномавӣ | | | | Ҳамагӣ |
| | | | | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Англисӣ | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Англисӣ | |
| **1** | 6D070501 | Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ | 3 | 1 | 1 | – | – | 1 | – | – | – | 3 |
| **2** | 6D070502 | Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо | 2 | – | 1 | – | – | – | 1 | – | – | 2 |
| **3** | 6D072701 | Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хушадор, лубиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ | 2 | 1 | – | – | – | – | 1 | – | – | 2 |
| **4** | 6D073302 | Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом | 2 | 1 | – | – | – | – | 1 | – | – | 2 |
| **5** | 6D072601 | Технологияи маҳсулоти дузандагӣ | 2 | – | 1 | – | – | – | 1 | – | – | 2 |
| **6** | 6D050601 | Назарияи умумии иқтисодӣ (Иқтисоди сиёсӣ) | 2 | 1 | – | – | – | – | 1 | – | – | 2 |
| **7** | 6D050701 | Менеҷмент | 3 | 1 | – | – | – | – | 2 | – | – | 3 |
| | | **Ҳамагӣ** | **16** | **5** | **3** | **–** | **–** | **1** | **7** | **–** | **–** | **16** |
| | | | | **8** | | | | **8** | | | | |

## НАҚШАИ ҚАБУЛ БА ЗИНАИ МАГИСТРАТУРАИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2026-2027 ТИБҚИ ИҶОЗАТНОМА АЗ 13.05.2024 (№2310), Т-ИФ №0005159

| № | Рамзи ихтисос | Ихтисос | Нақшаи қабул | Шуъбаи рӯзона | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | буҷетӣ | | | шартномавӣ | | | Ҳамагӣ |
| | | | | тоҷикӣ | русӣ | англисӣ | тоҷикӣ | русӣ | англисӣ | |
| 1 | 1-080101-07 | Таълимоти касбӣ (информатика) | 5 | – | 3 | – | – | 2 | – | 5 |
| 2 | 1-190101-0505 | Дизайн (сару либос ва газвор) | 8 | – | 5 | – | – | 3 | – | 8 |
| 3 | 1-250102-04 | Иқтисодиёти рақамӣ | 7 | – | 3 | – | – | 4 | – | 7 |
| 4 | 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 7 | – | 2 | – | – | 5 | – | 7 |
| 5 | 1-250104 | Молия ва қарз | 10 | – | 3 | – | – | 7 | – | 10 |
| 6 | 1-250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 10 | – | 3 | – | – | 7 | – | 10 |
| 7 | 1-260202-02 | Менеҷменти байналмилалӣ | 7 | – | 2 | – | – | 5 | – | 7 |
| 8 | 1-400101-01 | Системаи компютерӣ ва интернет-технология | 7 | – | 3 | – | – | 4 | | 7 |
| 9 | 1-400101 (04,07,08) | Таъминоти барномавии технологияи иттилоотӣ | 7 | – | 3 | – | – | 4 | – | 7 |
| 10 | 1-400102-02 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 5 | – | 2 | – | – | 3 | – | 5 |
| 11 | 1-400301 | Зеҳни сунъӣ | 5 | – | 2 | – | – | 3 | – | 5 |
| 12 | 1-490101 (02,03,04,05) | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти ашёи хоми ғизоӣ | 4 | – | 2 | – | – | 2 | – | 4 |
| 13 | 1-50010109 | Технология маводҳои нассоҷӣ | 4 | – | 2 | – | – | 2 | – | 4 |
| 14 | 1-540101-05 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) | 4 | – | 2 | – | – | 2 | – | 4 |
| **Ҳамагӣ** | | | **90** | **0** | **37** | **0** | **0** | **59** | | **90** |
| | | | | | **37** | | | **53** | | |



**Динора Аминова, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010711, гирандаи стипендияи Президентӣ**



**Аслиддин Собиров, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-25010805, гирандаи стипендияи Президентӣ**

# НАМОИШИ ДАСТОВАРДҲОИ ДОНИШГОҲ

**Дар таърихи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои ҳайати устодону омӯзгорон ва донишҷӯёну дастпарварони он ташрифи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин боргоҳи илму маърифат муҳимтарин рӯйдод махсуб меёбад.**

Пешвои миллат 1-уми сентябри соли 2011 бинои нави таълимиро ифтитоҳ намуда, дар саҳни донишгоҳ бо устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дарси сулҳ ва суҳбати озоду ошкоро анҷом доданд. Дар оғози боздид аз донишгоҳ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намунаҳои корҳои эҷодию ихтироотӣ ва навовариҳои техникию технологии устодону донишҷӯён аз наздик шинос шуданд.

Тавре айён гардид, солҳои ахир шумораи донишҷӯёни эҷодкору ихтироъкор ва ташаббускори тоҷик хеле зиёд гардидааст. Сарвари давлат аз ин ҳолат арзи хушнудӣ карда, ба роҳбарияту устодони донишгоҳ ва роҳбарони дигар сохторҳои дахлдори давлату Ҳукумат дастур доданд, ки барои дастгирӣ намудани навовариҳои ҷавонони соҳибистеъдод ва таъмини робитаи босамари кори онҳо бо истеҳсолот чораҳои судбахш андешида, амалӣ намоянд.




Боиси хурсандист, ки баъди ташрифи Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва амалӣ гардонидани дастуру ҳидоятҳои Ҷаноби Олӣ муваффақиятҳои донишгоҳ дар тамоми самтҳои фаъолият рӯ ба афзоиш ёфтанд.

Дастовардҳои ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ва Литсейи инноватсионии назди он дар самти ихтироот ва навоварӣ далели ин гуфтаҳоанд. Аз ҷумла электромобили "Тоҷвар" модели Истиқлол **(дар сурат)**, ки соли 2011 ихтироъ гардида буд, соли 2025 ба таври зайл модернизатсия карда шуд:

- Батареяҳои ишқорӣ ба литиоинӣ (Li-ion) иваз карда шуданд, ки қобилияти захиракунии барзиёди энергияи баркро доранд.
- Захираи гашт аз 80 км ба 150 км зиёд карда шуд.
- Низоми тақсимоти барқ мукаммал гардонида шуда, низоми резисторҳо ба транзисторҳо иваз карда шуданд.





# НАМОИШИ ДАСТОВАРДҲОИ ДОНИШГОҲ













# ДТТ: ТАҲСИЛ БО ИМКОНИЯТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Дар шароити ҷаҳонишавии маориф ва рушди босуръати илм ва технология, интихоби дурусти муассисаи таҳсилоти олӣ барои ҷавонон аҳаммияти хосса касб менамояд. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон имрӯз ба яке аз марказҳои муҳимми тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир табдил ёфта, барои довталабон имкониятҳои васеи таҳсил, рушди касбӣ ва иштироки фаъол дар фазои байналмилалии илмӣ-таълимиро фароҳам меорад.**

Яке аз афзалиятҳои муҳимми донишгоҳ рушди пайвастаи робитаҳои байналмилалӣ буда, ҳамасола донишгоҳ дар татбиқи як қатор лоиҳаҳои байналмилалии таълимию илмӣ фаъолона иштирок менамояд, ки онҳо ба донишҷӯён имкони идомаи таҳсил ва таҷрибаомӯзиро дар донишгоҳҳои давлатҳои пешрафтаи хориҷӣ фароҳам меоваранд. Зимни таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён бо барномаҳои инноватсионии таълимӣ, технологияҳои пешрафта ва таҷрибаи донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ аз наздик шинос шуда, сатҳи омодагии касбӣ ва рақобатпазирии хешро дар бозори меҳнати дохилӣ ва байналмилалӣ ба маротиб баланд мебардоранд.

Ҳоло дар донишгоҳ мубодилаи академии донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандон дар доираи лоиҳаҳои ICM-и Барномаи Erasmus+ Иттиҳоди Аврупо сурат гирифта, таҷрибаомӯзии хориҷии донишҷӯён дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи Тоҷикистон оид ба мубодилаи донишҷӯён барои таҷрибаомӯзии техникӣ (IAESTE), ташкилоти Huawei Technologies ва созишномаҳои ҳамкории баимзорасонидашуда бо донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Идомаи таҳсили донишҷӯён дар доираи 7 лоиҳаи мубодилаи академии барномаи Erasmus+ бо донишгоҳҳои бонуфузи Аврупо – Донишгоҳи Гранада (Шоҳигарии Испания), Донишгоҳи Валядолид (Шоҳигарии Испания), Донишгоҳи политехникии Бухарест (Руминия) Донишгоҳи Падуя (Италия), Донишгоҳи политехникии Браганза (Португалия), Донишгоҳи Пависланскии Квидзин (Лаҳистон) ва Донишгоҳи технологии Силесия (Лаҳистон) татбиқшаванда сурат мегирад.

Донишгоҳ аз соли 2017 инҷониб ҳамкориҳои самарабахшро бо ташкилоту созмонҳои Ҷумҳурии Корея ба роҳ монда, дар ин замина 2 марказ – Маркази муштараки Тоҷикистону Корея дар самти рушди ТИК ва таълими забони кореягӣ ва Маркази таълимии забони кореягӣ ва омодасозии касбӣ таъсис додааст, ки ҳадафи онҳо омода намудани мутахассисони рақобатпазир, омӯзиши забону фарҳанги кореягӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Дар доираи фаъолияти Маркази муштараки Тоҷикистону Корея дар самти рушди ТИК ва таълими забони кореягӣ 8- нафар хатмкардаи зинаи таҳсили бакалавриати донишгоҳ таҳсилро дар зинаи магистратураи донишгоҳҳои Ҷумҳурии Корея идома дода истодаанд. Инчунин, ҳамасола дар маркази мазкур бо ҷалби омӯзгорони ботаҷриба аз Ҷумҳурии Корея 300-350 нафар донишҷӯён ва хоҳишмандон ба омӯзиши забони кореягӣ фаро гирифта мешаванд. Танҳо дар соли таҳсили 2024-2025 зиёда аз 260 нафар шунавандагон таҳсил намуда, аксари онҳо соҳиби сертификат гардиданд.

Қобили зикр аст, ки баланд бардоштани сифати дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён аз малака ва маҳорати касбии омӯзгор вобаста аст. Вобаста ба ин, омӯзгорон ва муҳаққиқони донишгоҳ мунтазам дар барномаҳои байналмилалии мубодилаи академӣ, курсҳои такмили ихтисос иштирок намуда, таҷрибаи профессорони донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳонро оид ба истифода бурдани усулҳои муосири таълим, технологияҳои рақамӣ ва равишҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим ҷорӣ менамоянд. Ин омил барои донишҷӯён муҳити рақобатпазир ва ба талаботи замон ҷавобгӯро фароҳам месозад.

Ҳамзамон, донишгоҳ ба ҷалби омӯзгорон ва профессорони хориҷӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Танҳо дар соли 2025 дар донишгоҳ семинарҳо, курсҳои омӯзишӣ ва тренингҳои тахассусӣ бо иштироки 11 нафар устодон ва мутахассисони варзидаи кишварҳои Италия, Латвия, Словакия, Руминия, Корея ва Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардиданд. Омӯзгорони хориҷӣ дар самтҳои технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, муҳандисӣ ва технологияҳои саноати хӯроквории бо донишҷӯён ва устодон таҷрибаи пешрафтаи худро мубодила намуданд.

Ҳамин тариқ, имрӯз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон на танҳо як муассисаи таълимӣ, балки муҳити мусоид барои рушди шахсият, илм ва навовариҳо мебошад.

**Икромӣ Хуршед Икром,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар тӯли 35 соли мавҷудияташ дар фазои таълимию илмии кишвар мавқеи намоёнро ишғол намуда, ҳамчун боргоҳи асили дониш ва таҷриба шинохта шудааст. Ин раванд, бешак, натиҷаи заҳмату талошҳои пайвастаи ҳайати устодону кормандон ва саҳми назарраси ҳар як воҳиди сохтории он, аз ҷумла факултети иқтисодиёт ва молия мебошад.**

# ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА МОЛИЯ

Факултети иқтисодиёт ва молия, ки яке аз факултетҳои бонуфузи донишгоҳ ба ҳисоб меравад, дар ҳамаи марҳалаҳои рушди таърихии донишгоҳ мавқеи назаррас дошта, бо ташаббусҳои созанда ва фаъолиятҳои муваффақи худ саҳми муассир гузоштааст.

Факултет дар самти омода кардани мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои иқтисод, молия, муҳосибӣ, аудит, ва муносибатҳои бозорӣ саҳми арзанда дорад. Бо роҳандозии барномаҳои таълимии мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ, истифодаи методикаҳои муосири таълим, ҷалби устодони соҳибтахассус ва робитаҳои судманд бо бахши истеҳсоливу молиявӣ, факултет тавонист, ки фазои мусоиди таълимӣ ва тадқиқотӣ фароҳам созад.




Бо ифтихор метавон гуфт, ки қисме аз мутахассисон, кормандони идораҳо, бонкҳо, ширкатҳои хусусӣ ва муассисаҳои давлатии кишвар, ки имрӯз дар мансабҳои масъул фаъолият доранд, маҳз аз ҳамин факултет таҳсил гирифтаанд. Донишҷӯёни факултет дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд ва номи донишгоҳро дар арсаи илм ва эҷод борҳо боло бардоштаанд.

Илова бар ин, факултет дар таҳияи консепсияҳо ва стратегияҳои рушди донишгоҳ, беҳтарсозии раванди таълим ва таквияти низоми идоракунии донишгоҳ саҳми арзишманд дорад. Ҳамчунин, факултет бо ташкили конфронсҳо, семинарҳои илмӣ-амалӣ ва таҳқиқоти соҳаҳои иқтисодӣ саҳмгузори рушди илмии донишгоҳ мебошад.

Бо истифода аз фурсати муносиб ба тамоми довталабон гуфтаниам, ки агар онҳо мутахассиси воқеан ҳам рақобатпазир шудан хоҳанд, иқтисосҳои факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намоянд.

**Музаффар Раҳимзода,**
**декани факултети иқтисодиёт ва молия**

**Факултети муҳандисӣ-технологӣ аз рӯзҳои аввали таъсиси худ бо фаъолияти омӯзишӣ, илмӣ ва инноватсионӣ барои тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир, таҳкими неруи зеҳнӣ ва амалӣ саҳми назаррас мегузорад.**

# ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ-ТЕХНОЛОГӢ





Мусаллам аст, ки дар шароити пешрафти босуръати илм ва техника талабот ба мутахассисони соҳавӣ афзуда истодааст. Факултети муҳандисӣ-технологӣ бо дарназардошти ҳамин ниёзи чомеа барномаҳои таълимии муосирро роҳандозӣ намуда, донишҷӯёнро на танҳо бо донишҳои назариявӣ, балки бо малакаҳои амалӣ низ муҷаҳҳаз месозад. Дар ин раванд, ҳамкориҳои судманд бо корхонаҳои саноатӣ, озмоишгоҳҳои таҷрибавӣ ва марказҳои илмӣ нақши муҳим доранд.

Бо ифтихор метавон гуфт, ки факултети муҳандисӣ-технологӣ на танҳо макони таҳсил, балки муҳити тарбияи мутахассисони соҳибихтисос, шахсиятҳои боистеъдод ва шаҳрвандони масъулиятшинос мебошад. Нақши он дар рушду нуфузи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон арзишманд арзёбӣ гардида, оянда дурахшони илм ва саноати ҳӯрокворӣ кишварро таъмин месозад.

Дар факултет аксарияти ҳайати омӯзгоронро устодони дорои дараҷа ва унвонҳои илмидошта ташкил медиҳанд, алалхусус, масъалаи таъмини кафедраҳо бо омӯзгорони ҷавони болаёқат дар мадди аввал аст.

Дар сохтори факултет 3 кафедра аз рӯи 15 ихтисос дар зинаи бакалавр, 2 ихтисос дар зинаи докторантура (PhD) фаъолият намуда истодааст.

Аз соли 1990 то соли 2025 факултетро зиёда аз 3000 донишҷӯ хатм намудааст, ки 25 нафарашон соҳиби дипломи аъло мебошанд.



Ҳайати омӯзгорони факултет ба масъалаи такмили ихтисос ва сайқали маҳорати касбӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Тайи даҳсолаи охир онҳо тавассути барномаи GIZ "Ҳамкориҳои Тоҷикистон-Олмон" Лоиҳаи "Таълимоти касбӣ дар Осиёи Миёна" дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва марказҳои илмии Олмон, Фаронса, Италиё, Латвия, Қазоқистон ва Қирғизистон аз курсҳои кӯтоҳмуддати соҳавӣ гузашта соҳиби сертификатҳо шудаанд.

Бо дарназардошти заминаи мустаҳками моддӣ-техникӣ, бахусус, иқтидори кадрӣ бо дилпурӣ гуфта метавонам, ки ҳайати профессорону омӯзгорони факултет барои мутахассиси сатҳи баланд гардидани шумо – довталабони азиз донишу малака ва маҳорати касбиашонро сафарбар менамоянд.

Аз ин рӯ, шуморо ба факултети муҳандисӣ - технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон даъват менамоям!

**Мирзозода Гулмаҳмад Ҳол,**
**декани факултет, номзади илмҳои техникӣ, дотсент**

# ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН





Факултети технология ва дизайн (собиқ факултети технологияи саноати сабук) соли 1990 дар як вақт бо таъсис ёфтани донишгоҳ (он вақт Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон) ташкил шудааст. Бо фармоиши ректори донишгоҳ, аз 17-уми майи соли 1993 аз факултети технологияи саноати сабук ба факултети саноати сабук табдили ном кардааст. Баъдан он дар ҳайати факултети муҳандисӣ-технологӣ фаъолият мебурд. Бо фармоиши ректор аз 5-уми сентябри соли 2003 аз нав ба сохтори мустақили донишгоҳ табдил дода шуд. Аз он давра то ин ҷониб боз ду маротибаи дигар, яъне аз факултети саноати сабук ба факултети стандартизатсия, технология ва дизайн ва баъдтар аз факултети стандартизатсия, технология ва дизайн ба факултети технология ва дизайн иваз ном кардааст.

Факултети технология ва дизайнро садҳо нафар хатм карда, ҳамчун мутахассиси соҳибкасб байни мардум обрӯ ва маҳбубияти хосса пайдо кардаанд. Доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессор, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Яминзода Зарина Акрам, сардори раёсати таъминоти метрологии воситаҳои ченак дар Агентии "Тоҷикстандарт" Салохиддин Каримов, сардори раёсати бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ дар Агентии Тоҷикстандарт Ашурзода Сухроб, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён Ширинбек Каримов, тарроҳ-услубчиёни машҳури Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Кучкалиев ва Нафиса Имронова, сардори раёсати молияи ноҳияи Данғара Раҳимзода Дилшод Худоназар аз ҷумлаи онҳоанд.



Дар факултет 3 кафедра, 1 маркази омӯзиши атласу адрас, 6 озмоишгоҳ ва макони намоиши мӯд фаъолият менамоянд.

Кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ кафедраи тахассусӣ буда, мутахассисонро аз рӯи ихтисосҳои ресидани нахи табиӣ, технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти нахҳои табиӣ ва метрология, стандартизатсия ва сертификатсия дар самти саноати сабук омода менамояд.

Кафедраи дизайни либос ва санъати мӯд низ кафедраи тахассусӣ буда, мутахассисонро доир ба самтҳои дӯзандагӣ ва дизайн тайёр менамояд.

Кафедраи фанҳои гуманитарӣ кафедраи умумидонишгоҳӣ буда, аз рӯзи таъсисёбии донишгоҳ ҳамчун маркази муҳимми таълимӣ ва тадқиқотӣ барои омӯзиши соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла таърих, фалсафа, фарҳангшиносӣ, диншиносии илмӣ, сиёсатшиносӣ, этика ва эстетика, ҷомеашиносӣ мутахассисони рақобатпазир омода мекунад

**Фирӯз Ҷалилзода,**
**декани факултети**
**технология ва дизайн,**
**номзади илмҳои техникӣ, дотсент**

# ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИНТЕЛЛЕКТИ СУНЪӢ



Довталабони гиромӣ! Имрӯз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон маркази муосири таълимӣ аст, ки дар он ҳамеша навовариҳо мушоҳида карда шуда, барои гирифтани таҳсилоти босифат ва амалӣ намудани имкониятҳои илмӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Донишгоҳ айни ҳол дорои 8 факултет мебошад, ки факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ аз ҷумлаи онҳост.

Дар факултет ба масъалаи рушди рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ, ки тақозои замон аст, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Ҳайати профессорону омӯзгорони факултет ба туфайли меҳнати фидокорона ва сатҳи баланди касбӣ кадрҳои баландихтисос ва рақобатпазирро тайёр намуда, бахри амалигардонӣ ва пешрафти соҳаҳои мухталифи кишвар, аз ҷумла, рушди маориф сахми арзанда мегузоранд.

Факултет дорои 3 кафедра мебошад:

— кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ;

— кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ;

— кафедраи математикаи олӣ ва информатика.

Дар факултет айни ҳол 1 озмоишгоҳи зеҳни сунъӣ, 3 синфхонаи компютерӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин бахри омӯзиши забонҳои барномавӣ ва забономӯзӣ Маркази кореягӣ фаъолият менамояд, ки дар он асосан донишҷӯёни факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ ба машғулият фаро гирифта шудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки дарсҳо аз ҷониби устодон бо тарз ва услуби замонавӣ, яъне бо истифода аз тахтаҳои муқаррарӣ, планшетҳо ва тахтаҳои интерактивӣ гузаронида мешаванд. Инчунин бо мақсади татбиқи илм дар истеҳсолот дар сатҳи донишгоҳ дарсҳои дуалӣ ташкил карда шудаанд, ки ба баланд гардидани сатҳи касбияти донишҷӯён мусоидат менамояд.

Соли 2025 барои ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ ва омӯзгорону хонандагони литсейи инноватсионии назди он соли муваффақиятҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ буд.

Роботҳои дар суратҳо аксёфта ва дигар дастовардҳои дар самти зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ соҳибгардида аз ҷумлаи онҳоанд.



Довталабони гиромӣ, бо боварӣ гуфта метавонем, ки агар шумо ихтисосҳои факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъиро интихоб намоед, беҳтарин мутахассис ба камол хоҳед расид!

**Нусратзода Муҳаммадӣ Нусрат,**
**декани факултети технологияҳои**
**иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ**

# ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ



**Факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ яке аз сохторҳои таркибии донишгоҳ буда, тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 13-уми сентябри соли 2011 ҳамчун факултети муштараки тоҷикӣ-россиягӣ “Технологияҳои соҳавӣ ва идораи инноватсияҳо” таъсис дода шуда, аз 1-уми сентябри соли 2012 ба фаъолият шуруъ намуд.**

**Мувофиқи қарори Шурои олимони донишгоҳ, аз 24-уми октябри соли 2016 дар заминаи факултети муштараки тоҷикӣ-россиягӣ «Технологияҳои телекоммуникатсионӣ, дизайни компютерӣ ва таълимоти касбӣ» факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ таъсис дода шуд.**

Факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ дар тули мавҷудияташ вобаста ба талаботи иқтисодиёт ва амалӣ намудани нақшаи дурнамои ҳукумати ҷумҳурӣ дар омодасозии мутахассисони соҳаи телекоммуникатсия, менеҷменти энергетикӣ, таълимоти касбӣ ва кормандони техникии ширкатҳои мобилӣ саҳми арзишманд гузоштааст.

Солҳои 2019-2022 дар сохтори факултет 2 кафедраи тахассусӣ (кафедраи забони русӣ ва таълимоти касбӣ ва кафедраи физика ва фанҳои техникӣ) ва 2 кафедраи умумифаннӣ (забони тоҷикӣ ва тарбияи ҷисмонӣ) фаъолият намуда, раванди ҷараёни таълимро аз рӯи ихтисосҳо ва фанҳои вобасташуда таъмин намуданд.

Кафедраи забони русӣ ва таълимоти касбӣ ҳамчун кафедраи тахассусӣ барои тайёр кардани мутахассисони сатҳи тахассусии бакалавр ва магистр аз рӯи ихтисосҳои:

1-0801010701 – таълимоти касбӣ (информатика);

1-0801010702 – таълимоти касбӣ (информатика) дизайни компютерӣ, технологияи интернет ва мултимедия;

1–0801011001 –таълимоти касбӣ (информатика) тарҳрези услуби инсон ва муҳити зист;

1-0801011101 – таълимоти касбӣ (саноати сабук) технологияҳои саноати насоҷӣ ва саноати сабук масъул мебошад.

Кафедраи телекоммуникатсия, физика ва фанҳои техникӣ бошад, ҳамчун кафедраи тахассусӣ барои тайёр намудани мутахассисони сатҳи тахассусии бакалавр ва магистр аз рӯи ихтисосҳои зерин:

1-43010601 – технологияи энергияи самарабахш ва менеҷменти энергетикӣ, 1-45010301 – шабакаҳои телекоммуникатсионӣ” муваззаф гардидааст.

Соли 2022 дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ дар заминаи кафедраи физика кафедраи шабакаи телекоммуникатсия ва фанҳои техникӣ таъсис дода шуд.

Кафедраи энергетика ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ҳамчун кафедраи тахассусӣ барои омода намудани мутахассисони сатҳи тахассусии бакалавр ва магистр аз рӯи ихтисосҳои 1-43010601 – технологияи энергияи самарабахш ва менеҷменти энергетикӣ, 1-45010301-шабакаҳои телекоммуникатсионӣ масъул муқаррар гаштааст.

Соли 2024-2025 дар заминаи кафедраи энергетика ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ду ихтисоси нав 1-430105-05 – манбаъҳои ғайрианъанавӣ ва барқароршавандаи энергия ва 1-310402-15 – низомҳои телекоммуникатсионӣ ва иттилоотӣ кушода шуданд.

Дар факултет зиёда аз 35 - нафар омӯзгорони варзида фаъолият менамоянд, ки аксарияташон курси такмили ихтисосро дар дохили кишвар гузашта, ба таҳқиқи мавзуъҳои илмӣ машғул мебошанд.

**Мунъим Абдуҳаминов,**
**декани факултет,**
**номзади илмҳои физикаю математика, дотсент**




# ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ 1-уми феврали соли 2019 бо фармоиши ректори донишгоҳ дар заминаи ду факултети иқтисодӣ: факултети иқтисоди ҷаҳон ва маркетинг ва факултети менеҷменти байналмилалӣ ва инвеститсионӣ таъсис дода шудааст.**

Факултет аз ибтидои таъсисёбиаш ба омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи иқтисодӣ масъул буда, аз рӯи чунин ихтисосҳо мутахассисонро омода менамояд:

1-25010301 – идораи фаъолияти иқтисодиёти берунӣ

1-25010304 – идораи инвеститсияҳои хориҷӣ

1-26020202 – менеҷменти байналмилалӣ

1-26020208 – менеҷменти инвеститсионӣ

1-26020305 – маркетинги байналмилалӣ

1-26020307 – маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ

Дар ихтисоси 1-25010301 таҳсил бо се забон - тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва дар ихтисоси 1-26020202 – менеҷменти байналмилалӣ бошад, таҳсил бо ду забон - тоҷикӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст.

Факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ яке аз факултетҳои калонтарини донишгоҳ ба ҳисоб рафта, дар омода намудани мутахассисони соҳибтахассуси рақобатпазир барои бозори озоди меҳнат саҳми арзишманд мегузорад.

Факултет бо дарназардошти талаботи имрӯзаи бозори миллӣ ва ҷаҳонии меҳнат мутахассисонро дар самтҳои иқтисодиёти ҷаҳон, идораи инвеститсияҳои хориҷӣ, менеҷменти байналмилалӣ, маркетинги корхонаҳои саноатӣ ва маркетинги байналмилалӣ омода менамояд.

Хатмкардагони факултет дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла, низоми маориф ва илм, бонкӣ, саноат, мақомоти идоракунӣ, бахши хусусӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва соҳаҳои гуногун фаъолият намуда дар рушду нумуи ватани азизамон саҳмгузор мебошанд.

Яке аз самтҳои фаъолияти босамари факултет робитаҳои байналмилалӣ буда, донишҷӯён дар мубодилаи академӣ бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар фаъолона иштирок менамоянд. Даҳҳо нафар донишҷӯёни факултет ба воситаи барномаҳои мубодилаи академии донишҷӯён дар донишгоҳҳои бонуфузи кишварҳои хориҷӣ таҳсил намудаанд.

Дар соли 2025 дастаи футболбозони факултет дар мусобиқаи варзишӣ оид ба футболи хурд байни факултетҳои донишгоҳ сазовори ҷойи аввал ва дар мусобиқаи волейбол миёни донишҷӯдухтарони факултетҳои донишгоҳ сазовори ҷойи дуюм гардида, бо ифтихорнома ва туҳфаҳои раёсати донишгоҳ қадрдонӣ гардиданд.

Боварӣ дорам, ки Шумо довталабони гиромӣ ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, аз ҷумла факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалиро интихоб карда, баъди супоридани имтиҳонҳо дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори номи пуршарафи донишҷӯ мегардед.

**Сатторзода Абдурасул Абдуғаффор,**
**декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ**

# ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПОЛОТСК ВА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

**Факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотск ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 1-уми феврали соли 2019 пас аз анҷоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Лукашенко ба Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи майи соли 2018 ва дастури роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар асоси Созишномаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи давлатии Полотск ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоиши ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 29-уми январи соли 2019 таъсис дода шудааст.**

Факултет вазифаи ҳалли маҷмӯи мутобиқгардонии корҳои таълимӣ, методӣ ва илмиро барои дар зинаҳои аввали таҳсил омода намудани мутахассисони равияи 1-360701 – мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолот ва корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ” ва 1-700501 – лоиҳакашӣ, бунёд ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафтро ба уҳда дорад.

Соли таҳсили 2025-2026 дар гурӯҳҳои академии факултет донишҷӯёни курсҳои 1 ва 2 таҳсил менамоянд, ки онҳо баъди ба итмом расидани мубодилаи академӣ имконияти 2 соли таҳсили минбаъдаро дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус доранд.

Дар факултет муштараки Донишгоҳи давлатии Полотск ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон раванди таълим тибқи шартномаи тарафайни анъанавӣ ба роҳ монда шуда, донишҷӯён дар асоси шакли таҳсили шартномавӣ таҳсил менамоянд.

Раванди таълим дар факултет аз рӯи ихтисосҳои зерин:

1-360701 – мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолот ва корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ:

1-700501 – лоиҳакашӣ, бунёд ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафт, ба роҳ монда шудааст.

Довталабони гиромӣ, марҳабо ба факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотск ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон!

**Хайрулло Амонулло,**
**декани факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотск ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**



Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дорои хобгоҳи замонавӣ буда, дар он барои донишҷӯён тамоми шароитҳо муҳайё карда шудааст.







# ВАРЗИШ – ОМИЛИ СОЛИМИИ ҶОМЕА



Варзиш яке аз омилҳои муҳимтарини беҳбуди солимии ҷомеа ба шумор рафта, на танҳо ба саломатии ҷисмонӣ, балки ба солимии равонӣ ва иҷтимоии аҳолӣ низ таъсири мусбат мерасонад.

Аз ин ҷост, ки раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бахусус, ректори он Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар баробари таълиму тарбия ба рушди соҳаи варзиш таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Дар кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои гузаронидани машғулиятҳо ва машқу тамринҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар кафедра бахшҳои гуногуни варзишӣ фаъолият менамоянд, ки онҳоро мураббиёни ботаҷриба пеш мебаранд. Дар донишгоҳ ҳамасола аз намудҳои футбол, волейбол (духтарона, писарона), баскетбол, шоҳмот, дастхобонӣ, гирбардорӣ мусобиқаҳои зиёд гузаронида мешавад.

Дар мусобиқаҳои варзишии берун аз донишгоҳ низ донишҷӯён дар намудҳои бокс, гӯштин (тарзи озод, дзюдо, миллӣ), футбол, волейбол, (духтарона, писарона), баскетбол ва варзиши сабук иштирок намуда обрӯю эътибори донишгоҳро баланд мебардоранд.

Майдончаи варзишии дар арафаи ҷашни 35-солагии донишгоҳ баистифодадодашуда оид ба футболи хурд, гузаронидани мусобиқаҳои гуногун, аз ҷумла баргузории мусобиқаи футбол дар байни дастаҳои омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ба муносибати Рӯзи ҷаҳонии футбол (25-уми май) ва дастовардҳои варзишии донишҷӯён далели ғамхории раёсати донишгоҳ ба варзишгарон ва рушди соҳаи варзиш мебошад.



Дар сурат: Лаҳзае аз мусобиқаи волейбол байни дастаҳои донишгоҳ

Фановар

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтаномаи “Фановар” 27-уми декабри соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 409/рз-97.

Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 3000 нусха